**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзӯи “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

Яке аз самтҳои афзалиятнок баҳри пешрафти иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавии босуръат барои тамоми кишварҳо ин соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад. Махсусан ҷалби сайёҳони хориҷӣ дар рушду нумӯъ ва пешрафти иқтисодиёт хеле муҳим ба назар мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари офтобрӯя ва биҳиштосо яке аз минтақаҳои мусоид барои ҷалби сайёҳон мебошад. Дар дилхоҳ минтақаи кишвар даҳҳо манзараҳои дилфиребу ғайриоддӣ, чашмаву кӯлҳо, қуллаву кӯҳҳои афсонавӣ, сангу дарахтон ва мазорҳои муқаддас, ёдгориҳои қадимаи фарҳангие мавҷуданд, ки диққати сайёҳони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб намудаанд.

Солҳои охир бахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ, ки бо мақсади шиносоӣ бо мероси фарҳангӣ ва таърихии ҳудуди кишвар ташкил шудааст, торафт рушд намуда истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои афзалиятнок, ки дорои захираҳои бойи фарҳангиву таърихӣ мебошад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аст. Ин минтақа дорои сарватҳои бою ғанӣ ва гуногуни фарҳангию таърихӣ (ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ ва меъморӣ, объектҳои таърихӣ, биноҳо, иншоот ва ғ.), инчунин гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, ки бо анъана, урфу одат ва зиндагии ба худ хос, иловатан бо меъёрҳои рафтор, эътиқод, забон ва ғайра, ки аксаран дар маркази таваҷҷуҳи сайёҳон қарор гирифтаанд, мебошад ва ҳамаи ин боиси ташкили самарабахши минтақа ба маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ гардида метавонад.

Дар баробари ин, барои самаранок истифода бурдани сарватҳои фарҳангӣ ва таърихии минтақа бо мақсадҳои ҷалби бештари соҳаи

сайёҳӣ дар қатори ташкил намудани бинову инфрасохторҳои соҳавӣ ба роҳ мондани корҳои илмиву тадқиқотӣ ва ба ин васила ташвиқу тарғиб намудани минтақаҳои сайёҳии кишвар амри саривақтист. Дар ин радиф диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музаффарович таҳти унвони “Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ” намунаи чунин корҳои тадқиқотист, ки метавонад дар рушду нумӯи соҳаи сайёҳии кишвар мусоидат намояд.

Аз автореферати диссертатсия маълум аст, ки унвонҷӯ солҳои зиёд барои гирдоварии мавод ва дақиқан муайян намудани мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш заҳмат кашидааст. Диссертатсия аз мқаддима, се боб хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, аз рӯйи талабот ва меъёрҳои таълифи корҳои илмии Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст.

Вазифаҳоеро, ки ҳангоми тадқиқот муаллиф дар пеши худ гузоштаанд, хело муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Аз ҷумла: -омӯзиш ва такмили асосҳои назариявӣ ва методологии мавзеъҳои сайёҳӣ барои таъмин намудани заминаи назариявии ташкили амалии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ; -тавсифоти сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ва баррасӣ намудани нақши онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ; -муайян намудани марҳилаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа; -таҳлил ва асоснок намудани мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ; -гурӯҳбандӣ намудани ноҳияҳои ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захира ва сарватҳои осори таърихию фарҳангӣ ва мусоидат ба ташкили муташаккили фаъолияти соҳа; -коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ; -таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти самараноки идоракунии ин намуди соҳаи сайёҳӣ ва зиёд

намудани иқтидори он баҳри баланд бардоштани даромаднокии соҳа ва ҳалли мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа.

Аз автореферати диссертатсия аён аст, ки муаллиф ҳар як фасли корро ба тафсил натиҷагирӣ ва ҳаллу фасл менамояд. Мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи тартибдодаи диссертатсия муайян карда, методологияи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода намудааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашргардида эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи диссертатсия бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқотӣ асоснок шудааст. Натиҷаҳои бадастовардашуда хело аҷоиб ва аксаран барои илм навоварӣ буда, аҳамияти калони амалӣ ва назариявӣ доранд.

Дар маҷмуъ диссертастияи пешниҳодшудаи Симоилбеков А.М. дар мавзӯи **“Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ”** ба тамоми талаботҳои Комиссияи олиии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мебошад.

**Директори Муассисаи давлатии**
**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии**
**фарҳанг ва иттилооти**
**Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои филологӣ** **Аминов А.Ҳ.**

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел: +(992) 934-62-63-46, +(992) 907-62-63-46**
**E-mail: raboni_81@mail.ru**

**Имзои Аминов Абдулфатоҳро тасдиқ мекунам:**

**Нозири кадри Пажӯҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот** **Ҳоликова М.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел: +(992) 233-58-84, +(992) 987766491**
**E-mail: vfarhang98@gmail.com**

5.05.2023